Ба қарори мушовараи
Вазорати маорифи
Ҷумҳурии Тоҷикистон
27 декабри соли 2009
№ 23/49
тасдиқ шудааст

# Низомномаи гимназия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

## 1.Қоидаҳои умумӣ

1.1. Гимназия як навъи муассисаи таҳсилоти умумӣ буда, дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, Низомномаи намунавии муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Низомномаи мазкур ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият менамояд.

1.2. Гимназия таълим ва омӯзиши асосҳои фарҳанг, таърих, адабиёт, мусиқӣ, забонҳои модарӣ ва хориҷиро ба таври васеъ ба роҳ монда, хонандагонро бо масъалаҳои умдатарини инсонгароӣ, умумибашарӣ, инчунин аз худ намудани суннатҳои миллӣ ва дарки муҳимтарин муаммоҳои ҷамъиятшиносӣ ва инсоншиносӣ ҷалб менамояд.

1.3. Гимназия хонандагонеро, ки қобилияти баланди зеҳнӣ ва майлу рағбати хос ба фанҳои гуманитарӣ –ҷамъиятӣ доранд, дар асоси озмун қабул менамояд.

1.4. Гимназия ҳуқуқи шаҳрвандонро новобаста аз миллат, нажод, ҷинс, забон, эътиқоди динӣ, мавқеи сиёсӣ ва вазъи иҷтимоӣ дар се зинаи таҳсилот амалӣ карда, масъулияти иҷрои барномаи таълиму тарбияро ба манфиати шахс, ҷомеа, давлат ба зимма гирифта, барои ташаккули ҳаматарафаи хонанда, аз ҷумла қонеъ гардондани эҳтиёҷоти ӯро ба худомӯзӣ ва гирифтани таҳсилоти иловагӣ таъмин менамояд.

1.5. Гимназия талаботи Стандарти давлатии таҳсилоти миёнаи умумиро риоя намуда, шакл, метод, усулҳои фаъоли таълимро тадбиқ менамояд ва хусусияти синнусолӣ, қобилият, шавқи хонандагон ба талаботи муҳофизати ҳаёт ва саломатии онҳоро ҳангоми ҷараёни таълим ба инобат мегирад.

## 2. Мақсад ва вазифаҳои гимназия

2.1. Мақсад ва вазифаҳои гимназия аз инҳо иборатанд:

– дар доираи азхудкунии барномаҳои ҳатмии таҳсилоти умумӣ ташаккул додани маданияти шахсии хонандагон ва мутобиқ намудани онҳо ба ҳаёти иҷтимоӣ ва ҷамъиятӣ;

– фароҳам овардани шароити мусоид барои ташаккули ҳамаҷонибаи хонандагон ва қонеъ гардонидани талаботи онҳо ба таҳсилоти иловагӣ;

– тарбия намудани хонандагон дар рӯҳияи меҳнатдӯстӣ, зебоипарастӣ, таҳаммул ва тоқатпазирӣ, эҳтироми ҳуқуқу озодӣ, муҳаббат ба табиат, Ватан, оила, устод ва ташаккули тарзи ҳаёти солим;

– таъмини таълими ҳаматарафаи хонандагон ҳангоми интихоби васеи фанҳои гуманитарӣ ва ҷамъиятӣ, омӯзиши амиқи онҳо;

– дар хонандагон ташаккул додани муносибати эҷодӣ ва таҳсил тавассути шаклҳои гуногуни дарс, машғулиятҳои факултативӣ ва фаъолияти гуногунҷабҳаи беруназдарсӣ;

– мукаммал гардонидани мазмуни таҳсилот, демократикунонии раванди таълиму тарбия;

– гуманитарикунонии мазмуни таҳсилот тавассути ақидаи шахсияти аз ҷиҳати зеҳнӣ ва ахлоқӣ ташаккулёфта;

– -ошкор намудан ва ташаккул додани қобилиятҳои зеҳнӣ, ташкилотчигии хонандагон;

– инкишофи қобилияти эҷодкорӣ, истифодаи техника ва технологияи муосир;

– таъмини мувофиқати талаботи байналмилалӣ дар амалӣ намудани барномаҳои таълимии умумии дорои мазмуни мураккаб барои хонандагони дорои қобилияти баланди зеҳнӣ;

– замина гузоштан барои интихоби бошууронаи касб ва минбаъд аз худ кардани барномаҳои касбии таҳсилот;

– ба хатмкунандагон додани маълумоти ҳамаҷонибаи ба шароити моддию иқтисодӣ ва маданияти миллию ҷаҳонӣ мутобиқшуда;

## 3. Фаъолияти гимназия

3.1. Гимназия дар фаъолияти худ вазифаҳои зеринро ба амал мебарорад:

– амалӣ намудани барномаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар дараҷаи баланди мураккаб;

– фароҳам овардани шароити максималӣ барои инкишофи ақлонӣ, ахлоқӣ, ҷисмонӣ ва эстетикии кӯдак;

– ташаккули мавқеи шаҳрвандӣ, муҳаббат ба Ватан ва оила, муносибати эҳтиромона ба мероси маънавӣ ва фарҳангӣ;

– дар хонандагон ташаккул додани дараҷаи дониши ҷаҳони муосир ва зинаҳои таълими муҳити ягонагии воқеии олам, мутобиқати шахсият ба ҳаёт дар ҷомеа;

– расонидани хадамоти иловагии таҳсилот доир ба фанҳои ҷамъиятӣ-гуманитарӣ бо мақсади баланд бардоштани савияи дониши хонанда дар асоси шартномаи дутарафа;

– ташкили сексияҳои фаннӣ, студияҳои эҷодӣ, клубҳои илмӣ- ихтироъкорӣ ва гурӯҳҳои тадқиқотӣ;

– ташкили семинар, конференсия, мусобиқаҳои илмӣ, озмун ва олимпиадаҳо;

– фароҳам овардани асосҳо ҷиҳати интихоби бошуурона ва азхудкунии касб;

– фароҳам овардани шароити мусоид барои баланд бардоштани ихтисоси кормандони гимназия;

– таҳияи нақшаю барномаҳо, китобҳои дарсӣ, воситаҳои айёнӣ, маводи методӣ, илмӣ ва адабиёти ёрирасон;

– расонидани ёрии иҷтимоӣ-психологӣ ва педагогӣ ба хонандагон;

– ба роҳ мондани таҳсилоти фарогир;

– гузаронидани ташхиси педагогӣ, тестӣ, маслиҳати логопед.

3.2. Гимназия доир ба масъалаҳои зерин масъул аст:

– иҷро накардани вазифаҳое, ки ба зиммаи он қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон вогузор намудааст;

– дар ҳаҷми пурра таъмин накардани иҷрои барномаҳои таълимӣ мутобиқ ба Нақшаи таълимӣ, ҷадвали ҷараёни таълим, сифати таҳсилоти хонандагон;

– ҳифзи ҳаёт ва саломатии хонандагон, кормандон дар раванди таълиму тарбия;

– риоя накардани ҳуқуқу озодиҳои хонандагон ва кормандон;

– аз рӯи амалҳои дигаре, ки қонунгузории ҷории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудааст.

## 4. Ташкили фаъолияти гимназия

4.1. Гимназия бо ташаббуси мақомоти ҷумҳуриявии идораи маориф ва сохторҳои он дар вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо таъсис ёфта, мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайди давлатӣ гирифта мешавад.

4.2. Гимназия баъди гирифтани иҷозатнома (литсензия) ҳуқуқи бурдани фаъолияти таълимӣ ва соҳибиятро ба имтиёзҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои муассисаҳои таълимӣ муқаррар кардааст, пайдо мекунад.

Дар асоси Низомномаи мазкур Оинномаи худро таҳия менамояд, ки аз ҷониби мақомоти давлатии идораи маориф ва ё муассис (муассисон) тасдиқ гардида, мутобиқ ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон аз қайди давлатӣ гузаронида мешавад.

4.3. Гимназия мутобиқи Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис ва барҳам дода мешавад. Дар мавриди аз нав ташкил додан ва барҳам додани гимназия риояи ҳуқуқу манфиатҳои кормандони хориҷшуда мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон кафолат дода мешавад.

4.4. Гимназия баъди аз қайди давлатӣ гузаштан соҳиби мақоми шахси ҳуқуқӣ шуда, фаъолияти молиявию хоҷагӣ бурда метавонад.

4.5. Гимназия тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон аз аттетатсия ва аккредитатсияи давлатӣ мегузарад.

4.6. Гимназия баъди гирифтани аккредитатсияи давлатӣ. ҳуқуқ пайдо мекунад, ки ба хатмкунандагон ҳуҷҷати давлатии намунаи махсус дар бораи дараҷаи таҳсилот диҳад.

4.7. Фаъолияти гимназия аз рӯи принсипҳои демократӣ ва гуманистӣ, дастрасӣ, афзалияти арзишҳои умумибашарӣ, ҳаёт ва саломатии инсон, шаҳрвандӣ, инкишофи озодонаи шахс, мустақилият ва хислати дунявии таҳсилот сохта мешавад.

4.8. Гимназия дар фаъолияти худ бо Ассосиатсияи падару модарон, Шӯрои ҷамъиятӣ ва дигар созмонҳое, ки қонунгузорӣ муқаррар кардааст, ҳамкорӣ менамояд.

4.9. Гимназия бо қарори мақомоти давлатии раёсати маориф, муассис (муассисон) метавонад мақомашро дигар намояд, агар он бар хилофи ӯҳдадории муассисаи таҳсилоти умумӣ амал накунад.

4.10. Дар гимназия бо ташаббуси муассис ва падару модарон Шӯрои ҷамъиятӣ, Ассосиатсияи волидон ва омӯзгорон ва Созмони талабагӣ таъсис дода мешавад.

4.11. Дар гимназия ҳуқуқи ташкил ва фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ ва ташкилотҳои динӣ манъ аст.

4.12. Тибқи Низомномаи намунавии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ хизматрасонии тиббии хонандагон бо воҳидҳои кории табибони гимназия ё кормандони тиббие, ки мақомоти тандурустӣ онҳоро ба гимназия вобаста кардааст, таъмин мешавад. Онҳо дар ташкил ва гузаронидани чорабиниҳои табобатӣ, пешгирии беморӣ, риояи меъёрҳои санитарию гигиенӣ, тартиб ва сифати хӯроки хонандагон масъул мебошанд. Гимназия вазифадор аст, ки ба кормандони соҳаи тиб шароит муҳайё намояд. Гимназия дорои ошхона ва анбори нигаҳдории хӯрока мебошад, ки бояд ҷавобгӯи меъёрҳои муқарраргардида бошад.

## 5. Тартиби қабул, хориҷ ва аттестатсияи хонандагон дар гимназия

5.1. Илова ба меъёрҳое, ки дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» ва Низомномаи намунавии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ омадааст, тартиби қабул, хориҷ ва аттестатсияи хонандагон ба таври зайл сурат мегирад:

5.2. **Тартиби қабул ва хориҷи хонандагон дар гимназия тибқи муқаррароти ҳуҷҷатҳои меъёрии амалкунанда, Низомномаи мазкур ва Оинномаи муассисаи таълимӣ амалӣ карда мешавад. Гимназия хонандагонро аз рӯйи майлу рағбат ва малакаю истеъдод дар асоси озмун қабул менамояд. Дар мувофиқа бо мақоми**

**давлатии идораи маориф ва муассис (муассисон) гимназия ҳуқуқ дорад, ки қоидаҳои қабули озмунро дар синфҳои 1-4 муқаррар намояд, ҳамчунин тартиби қабули озмунро дар синфҳои 5-11 эълон намояд.**

5.3. **Қабули хонандагон тибқи озмун, дар асоси пешниҳоди Комиссияи педагогӣ-психологӣ-тиббӣ оид ба инкишофи зеҳнии кӯдак ва омодагии он ба омӯзиши сатҳи баланд амалӣ карда мешавад. Тартиби он дар Оинномаи гимназия нишон дода мешавад. Озмун хаттӣ ва шифоҳӣ тибқи фанҳое, ки дар Нақшаи таълимии намунавии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ нишон дода шудааст, дар се давр амалӣ мегардад.**

5.4. **Барои таҳсил дар синфи 1 бо назардошти пешниҳоди падару модарон (шахсоне, ки онҳоро иваз мекунанд) кӯдакони 7 –сола ё онҳое, ки то охири моҳи декабр ба синни 7 медароянд, дар асоси пешниҳоди Комиссияи педагогӣ- психологӣ-тиббӣ қабул карда мешаванд.**

5.5. Қабул ба гимназия (синфи 5-11) барои гирифтани таҳсилоти миёнаи умумӣ дар асоси пешниҳоди Комиссияи педагогӣ-психологӣ-тиббӣ оид ба инкишофи зеҳнии кӯдак ва омодагии вай ба омӯзиши сатҳи баланд, ба роҳ монда мешавад. Ҳангоми қабул ба гимназия диққати асосӣ ба вазъи саломатии кӯдакон ва набудани мухолифати тиббӣ ба машғулиятҳои муттасили меҳнати зеҳнӣ дар барномаҳои сатҳи мураккаб дода мешавад.

5.6. Ба хонандагоне, ки заминаи тайёрии хуб аз фанҳои асосии равиявӣ доранд, ҳамчунин ба ғолибони олимпиада, озмунҳои эҷодӣ, конференсияҳои илмӣ- амалӣ ҳангоми қабул ба гимназия афзалияти бештар дода мешавад.

Ҳангоми қабул ба гимназия ба хонандагоне, ки қаблан дар дигар гимназияҳо таҳсил мекарданд ва маҳалли зисташон иваз гардидааст, иҷозат дода мешавад.

5.7. Маъмурияти гимназия ҳуқуқ дорад, ки дар сурати набудани ҷойи нишаст, аризаи шаҳрвандонро барои қабул ба гимназия рад намояд. Дар сурати беасос рад намудани аризаи шаҳрванд барои таҳсил дар гимназия, хонанда, падару модар (шахсоне, ки онҳоро иваз мекунанд) метавонанд ба Комиссияи ихтилофӣ, ки дар назди Раёсат ва шӯъбаҳои маориф ташкил карда шудааст, муроҷиат намоянд.

5.8. Хонандагон ҳуқуқ доранд, ки аз гимназия ба дигар муассисаи таҳсилоти умумӣ новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ ва моликият дар доираи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаранд.

5.9. Хориҷ намудани хонандагон аз гимназия дар асоси пешниҳоди хулосаи тиббӣ оид ба саломатии хонандагон, дар ҳолати иҷро накардани талаботи таҳсили гимназӣ, бо қарори Шӯрои педагогӣ бо гузаронидан ба муассисаи таҳсилоти умумӣ сурат мегирад.

5.10. Хонандагоне, ки дар 2 чоряк баҳои ғайриқаноатбахш мегиранд ва аз санҷишҳои иловагӣ низ намегузаронад, бо қарори шӯрои педагогӣ хориҷ карда мешаванд.

5.11. Қабул ва таҳсили хонандагони бадахлоқ дар гимназия манъ аст.

5.12. Дар сурати норозӣ будани падару модар аз натиҷаи аттестатсияи хонандагон оид ба дараҷаи омодагии онҳо ба аз худкунии барномаҳои таҳсилоти умумӣ, Комиссияи мустақили аттестатсионӣ, ки дар назди Раёсат ва шӯъбаҳои маориф ташкил карда шудааст, натиҷаи аттестатсияро дида мебарояд.

5.13. Гимназия дар шакл, тартиби гузаронидани аттестатсияи фосилавии хонандагон мустақил буда, он тибқи меъёрҳои амалкунанда, Оинномаи гимназия ва қарори Шӯрои педагогӣ амалӣ мегардад.

5.14. Ҳангоми беморӣ ва аз худ накардани барномаҳои таълимӣ, бо назардошти муваффақиятҳои доштаи хонанда дар солҳои гузашта барои таҳсили такрорӣ ба ӯ иҷозат дода мешавад.

5.15. Ба хонандагони гимназия, ки зинаи дуюми таҳсилотро хатм кардаанд, шаҳодатнома дар бораи таҳсилоти умумии асосӣ ва ба хонандагоне, ки дар давоми таҳсил ба муваффақиятҳои назаррас соҳиб гаштаанд, шаҳодатномаи аъло дода мешаванд.

5.16. Тибқи Низомномаи намунавии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, ба хонандагоне, ки зинаи сеюми таҳсилотро хатм мекунанд, шаҳодатнома дар бораи хатми таҳсилоти миёнаи умумӣ дода мешавад. Хонандагоне, ки дар рафти таҳсил ба муваффақиятҳои назаррас соҳиб гаштаанд, мувофиқи талаботи ҳуҷҷатҳои амалкунанда барои гирифтани медали тилло ё нуқра пешниҳод карда мешаванд.

5.17. Гимназия вазифадор аст, ки таълимгирандагон ва падару модарони онҳо (шахсоне, ки онҳоро иваз мекунанд)-ро бо ҳуҷҷатҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва Оинномa шинос намояд.

## 6. Ташкили ҷараёни таҳсил дар гимназия

6.1. Гимназия, ҷараёни таҳсилро мутобиқи равияҳои барномаҳои таҳсилоти умумӣ ба воситаи се зинаи таълим таъмин менамояд:

- ✓ Зинаи якум – таҳсилоти ибтидоӣ (мӯҳлати азхудкунӣ 4 сол, аз синфи 1 то 4 );
- ✓ Зинаи дуюм- таҳсилоти умумии асосӣ (мӯҳлати азхудкунӣ 5 сол, синфҳои 5-9);
- ✓ Зинаи сеюм-таҳсилоти миёнаи умумӣ (мӯҳлати азхудкунӣ 2 сол, синфҳои 10-11);

6.2. Илова ба талаботи Стандарти давлатии таҳсилоти миёнаи умумӣ мазмуни таҳсилот васеъ карда мешавад ва фанҳои иловагӣ, курсҳои факултативӣ, шаклҳои гуногуни машғулиятҳои беруназсинфӣ ва фанҳо аз рӯи интихоб ба Нақшаи таълимии он дохил карда мешаванд.

6.3. Гимназия вобаста ба талаботи хонандагон, падару модарон (шахсоне, ки онҳоро иваз менамояд) аз рӯи нақшаю барномаҳои таълимӣ ва тақвимии фардӣ, ки ба омӯзиши амиқи фанҳои равиявӣ барои идома додани таҳсил ба мактабҳои олӣ нигаронида шудааст, фаъолият карда метавонад.

6.4. Забони таҳсил мутобиқи моддаи 7 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» муайян карда мешавад.

6.5. Шакли ташкили ҷараёни таҳсилро дар гимназия Шӯрои педагогӣ муайян менамояд. Давомнокӣ ва низоми ҳаррӯзаи машғулиятҳо дар ҷадвали дарсӣ дарҷ мегардад ва он аз ҷониби директори гимназия тасдиқ карда мешавад.

6.6. Ҳангоми таҳияи ҷадвали дарсӣ маъмурият талаботҳои ба мақсад мувофиқи педагогӣ, меъёрҳои санитарӣ- гигенӣ ва принсипҳои сарфаи вақти ниҳоии хонандагонро ба инобат мегирад.

6.7. Дарс дар гимназия аз соати 8.00 то соати 16.00 тибқи реҷаи кориe, ки Шурои педагогӣ қабул кардааст, сурат мегирад.

6.8. Давомнокии дарсҳо дар гимназия барои хонандагони синфи 1-ум 35 дақиқа ва барои хонандагони синфҳои 2- 11 45 дақиқаи академӣ муқаррар карда мешавад. Соли хониш 1-уми сентябр оғоз гардида, 30 июн ба анҷом мерасад (бо назардошти мӯҳлати имтиҳонсупорӣ).

6.9. Шумораи хонандагон дар ҳар синф то 25 нафар муқаррар карда мешавад. Хонандагон дар вақти гузаронидани машғулиятҳои фанҳои равиявӣ, забони русӣ, забони хориҷӣ ва технологияи информатсионӣ тибқи банди 29-и Низомномаи намунавии муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба гурӯҳҳо ҷудо карда мешаванд. Ҷудо намудани хонандагон дар машғулиятҳои фанҳои дигар ҳангоми мавҷуд будани маблағҳои зарурӣ бо қарори Шӯрои омӯзгорон амалӣ карда мешавад.

6.10. Гимназия ҳуқуқ дорад, ки хизмати иловагии пулакиро тибқи қонунгузории амалкунанда ҷорӣ намояд. Меъёри пардохти маблағро Шӯрои педагогии гимназия якҷоя бо Шӯрои ҷамъиятӣ муайян мекунад.

6.11. Дар гимназия ҳар чоряк ва нимсола санҷиши хаттию шифоҳии иловагӣ гузаронида шуда, қобилияти зеҳнии хонанда муайян карда мешавад. Тартиби гузаронидани санҷишро Шӯрои педагогӣ ва Шӯрои методии гимназия муқаррар менамояд.

6.12. Тартиби муносибати гимназияро бо хонанда, падару модар (шахсоне, ки онҳоро иваз менамоянд) шартнома (қарордод) муайян мекунад. Миёни падару модар (шахсоне, ки онҳоро иваз менамоянд) ва роҳбари гимназия шартнома (қарордод) баста мешавад. Шакли шартома (қарордод)- ро Шӯрои педагогӣ муайян менамояд.

6.13. Гимназия метавонад ҳангоми таълими фанҳои равиявӣ ва ё омӯзиши амиқи фанҳо давомнокии дарсҳоро аз тариқи ҷуфт муайян намояд.

Ҷиҳати таъмини ёрии педагогӣ-психологии раванди таълиму тарбия дар гимнзаия хизматрасонии психологӣ ташкил карда мешавад.

6.14. Гимназия ҳуқуқ дорад бо муассисаҳои таҳсилоти олӣ оид ба масъалаҳои ташкил, мазмун ва таъмини ҷараёни таълиму тарбия шартнома бандад.

6.15. Бо мақсади қонеъгардонии эҳтиёҷоти истеъдоди эҷодӣ ва тадқиқотии хонандагон аз фанҳои алоҳида барои хонандагон дарсҳои иловагӣ ташкил карда мешаванд. Барои ташкил ва гузаронидани ин дарсҳо мутахассисон аз муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар асоси шартнома даъват карда мешаванд. Ҳаҷми чунин дарсҳо набояд аз 180 соат дар як сол зиёд бошад.

6.16. Барои ба роҳ мондани корҳои илмӣ - методӣ дар гимназия кафедраҳои соҳавӣ, кабинетҳои методӣ, клубҳои ихтирокорон ва дигар сохторҳо ташкил карда мешаванд, ки онҳо дар асоси Низомномаи худ фаъолияташонро ташкил менамоянд.

## 7. Тарзи идора дар гимназия

7.1. Гимназия мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, Низомномаи намунавии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, Низомномаи мазкур, Оинномаи гимназия ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ идора карда мешавад.

Идоракунии гимназия аз рӯи ғояҳои барномавии мақсадноки банақшагирӣ ва таҳлили системанок ба роҳ монда мешавад. Сохтори ташкилии идоракунӣ бояд ҳамаи зинаҳо, сатҳ, доираи рушди гимназия ва фаъолияти онро бо фарогирии ҳар як аъзои коллектив дар ҷараёни худидоракунӣ таъмин намояд.

7.2. Дахолати мақомоти идораи маориф, муассис (муассисон) ба ҷараёни таълим, илм, хоҷагӣ ва дигар фаъолияти гимназия танҳо дар мавридҳои пешбинигардидаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон имконпазир аст.

7.3. Мақоми асосии худидораи гимназияро Шӯрои педагогӣ ба ӯҳда дошта, роҳбарии бевоситаи онро директори гимназия иҷро мекунад.

7.4. Шӯрои педагогии гимназия метавонад навбатӣ ё ғайринавбатӣ бошад. Он на камтар аз як маротиба дар 1,5 – 2 моҳ (дар ҳолатҳои зарурӣ ба таври ғайринавбатӣ) даъват карда мешавад. Ҳайати Шӯрои педагогии гимназия бо фармони директор тасдиқ карда мешавад. Шӯрои педагогӣ масъалаҳои зеринро ҳал менамояд:

– фаъолияти асосии гимназияро муайян менамояд;

– Оинномаи гимназияро таҳия ва қабул мекунад (ба он тағйир ва иловаҳо ворид месозад);

– самтҳои хароҷоти маблағҳои ғайрибуҷавиро якҷоя бо Шӯрои ҷамъиятӣ тасдиқ мекунад;

– ҳисоботи директор ва дигар кормандонро мешунавад;

– кормандони гимназияро ба мукофот, тӯҳфа ва дигар намудҳои ҳавасмандкунӣ пешниҳод менамояд;

– тартиботи дохилии гимназияро муайян ва тасдиқ мекунад;

– натиҷаи таҳсилро муҳокима намуда, тавсия ва хулоса мебарорад;

– доир ба масъалаи аз гимназия хориҷ кардани хонандагон қарори дахлдор қабул мекунад;

– муҳокима ва интихоби накшаю барномаҳои таълимӣ, китобҳои дарсӣ, шакл ва усулу методҳои таълим ва роҳҳои амалӣ гардидани онҳоро таъмин менамояд;

– доир ба баланд бардоштани тахассуси касбии кормандон, ташаббус ва инкишофи эҷодӣ, паҳн кардани таҷрибаи пешқадами онҳо чораҳои зарурӣ меандешад;

– самти корҳои тадқиқотию таҷрибавии гимназияро бо дигар муассисаҳои тадқиқотӣ муайян мекунад.

7.5. Роҳбарии бевоситаро дар гимназия директор ба зимма дорад.

7.6. Директори гимназияи мақоми ҷумҳуриявидоштаро Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, директори гимназияҳои мақоми маҳаллидоштаро Раёсат ва шӯъбаҳои маориф ва муассисаи ғайридавлатӣ ва хусусиро муассис (муассисон) таъин ва озод менамоянд.

7.7. Директори гимназия илова ба вазифаҳое, ки дар Низомномаи намунавии муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дода шудааст, вазифаҳои зеринро иҷро мекунад:

– дар назди падару модар (шахсоне, ки онҳоро иваз мекунанд), давлат, ҷамъият ва муассис барои фаъолияти гимназия ва фаъолияти худ мутобиқи уҳдадориҳои вазифавӣ, шартномаи меҳнатӣ, дигар шартномаҳо ва Оинномаи гимназия масъул мебошад;

– ҷараёни таълимро ба нақша гирифта, натиҷаи иҷрои онро назорат менамояд;

– воҳидҳои кории гимназияро барқарор ва тағйир медиҳад;

– мудирони кафедраҳои соҳавӣ, кабинети методӣ ва роҳбарони синфро таъин мекунад;

– кормандони педагогӣ ва хизматрасониро ба кор қабул ва аз кор озод менамояд;

– манфиати гимназияро дар мақомоти давлатӣ ва ташкилоту муассисаҳо ҳимоя менамояд;

– дар доираи ҳуқуқҳои ба вай муайяншуда, нисбати маблағ, таҷҳизот, ашёҳои гимназия ғамхорона муносибат намуда, дар бонк ва муассисаҳои бонкӣ суратҳисоб мекушояд, дар ҳуҷҷатҳои маблағӣ имзо мегузорад, истифодаи дурусти маблағҳои буҷавӣ ва ғайрибуҷавиро назорат мебарад.

## 8. Ҳуқуқ ва вазифаҳои субъектҳои раванди таълиму тарбия

**7.1.** Субъектҳои раванди таълиму тарбия (хонандагон, кормандони соҳаи педагогӣ, падару модарон (шахсоне, ки онҳоро иваз менамоянд) илова ба ҳуқуқ ва вазифаҳое, ки барои онҳо Низомномаи намунавии муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намудааст, чунин ҳуқуқ ва вазифаҳоро доранд:

**7.2.** Хонандагон ҳуқуқ доранд**:**

– дар асоси Стандарти давлатии таҳсилоти миёнаи умумӣ ҳуқуқи гирифтани таълими инфиродиро доранд;

– ба Шӯрои педагогӣ нисбат ба мушкилот ва мухолифоти пайдошуда бо мақсади ҳаллу фасл муроҷиат менамоянд;

– дар худидоракунии гимназия иштирок менамоянд;

–озодона андеша ва ақидаи худро баён менамоянд.

7.3. Хонандагон вазифадоранд:

– қоидаҳои талаботи талабагӣ, Низомномаи мазкур ва Оинномаи гимназияро риоя намоянд:

– бовиҷдонона таҳсил карда, иҷрои ҳамаи супоришҳоеро, ки талаботи нақшаю барномаҳои таълимӣ пешбинӣ намудааст, дар мӯҳлати муқарраршуда таъмин намоянд;

– эҳтиёткорона ба ашёҳои гимназия муносибат намоянд (дар сурати вайрон кардани ашёҳои гимназия, падару модар онҳоро барқарор менамояд);

– тарзи ҳаёти солимро пеша намоянд;

– нисбати риоя кардани техникаи бехатарӣ, санитарӣ-гигиенӣ масъул бошанд;

– эҳтироми ҳуқуқ ва озодии дигаронро ба ҷо оваранд.

Фаъолиятҳои зерин аз ҷониби хонандагон манъ аст:

8.4. Ҷалби хонандагони гимназия бе розигии онҳо ва падару модарон (шахсоне, ки онҳоро иваз менамоянд) ба меҳнате, ки дар барномаи таълимӣ пешбинӣ нашудааст;

8.5. Ҷалби маҷбурии хонандагон барои дохил шудан ба ташкилотҳои ҷамъиятӣ-сиёсӣ, ташкилотҳои динӣ, ҳаракат ва ҳизбҳо, ҳамчунин ҷалби маҷбурии онҳо ба фаъолияти ин ташкилотҳо ва иштирок дар маъракаҳои таблиғотӣ ва ҳаракатҳои сиёсӣ.

8.6. Падару модарон (шахсоне, ки онҳоро иваз менамоянд) ҳуқуқ доранд:

– барои ҳимояи ҳуқуқ ва манфиати фарзандонашон ба Шӯрои педагогӣ ва роҳбарият муроҷиат намоянд;

– дар идоракунии гимназия иштирок намоянд (Шӯрои педагогӣ, Шӯрои ҷамъиятӣ, Шӯрои сарпарастон);

– бо гимназия созишномаи дутарафа банданд;

– ба мақомоти болоӣ нисбати беадолатӣ дар гимназия муроҷиат намоянд;

8.7. Волидайн (шахсоне, ки онҳоро иваз менамоянд) вазифадоранд**:**

– барои гирифтани таҳсилоти миёнаи умумии ҷавобгӯи меъёрҳо ба фарзандон шароити мусоид фароҳам оваранд;

– иҷрои талаботи Оинномаи гимназияро таъмин намоянд;

– тартиботи дохилии гимназияро риоя кунанд;

– ҳамкориро бо Шӯрои педагогӣ, муаллимони алоҳида, роҳбари синф барқарор намуда, масъалаи аз худ кардани барномаҳои таълимии фарзандонашонро назорат намоянд;

– ба кору фаъолияти гимназия ёрӣ расонанд;

– барои бомуваффақият гирифтани таълиму тарбияи фарзандон онҳоро ба маводҳои таълимӣ таъмин намоянд;

– зарари моддии бо гуноҳи фарзандашон расонидашударо барқарор намоянд.

8.8. Кормандони педагогӣ ҳукуқ доранд:

– мустақилона варианти барномаҳои таълимиро интихоб намуда, шакл, метод ва усулҳои таълиму тарбияро муайян намоянд;

– нисбати қарору фармонҳои роҳбарият, ки бо онҳо розӣ нестанд, ба Шӯрои педагогӣ хаттӣ муроҷиат намоянд;

– тахассуси касбии худро баланд бардоранд;

– дар идоракунии гимназия фаъолона иштирок намоянд.

8.9. Коркунони педагогӣ вазифадоранд:

– талаботи Оиннома, фармону дастурҳои директори гимназия, иҷрои вазифаҳои хизматии ба ӯ муайяншударо таъмин намоянд;

– ҳуқуқ ва вазифаҳои иштирокчиёни раванди таълиму тарбияро эҳтиром кунанд;

– рафти иҷрои барномаҳои таълимиро таъмин намоянд;

– робитаи падару модаронро (шахсоне, ки онҳоро иваз менамоянд) бо гимназия барқарор намоянд;

– иҷрои шартҳои шартномаи меҳнатиро таъмин намоянд.

## 9. Моликият ва маблағгузорӣ дар гимназия

9.1. Гимназия мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Оиннома дар фаъолияти хоҷагӣ ва маблағгузорӣ мустақил мебошад**.**

9.2. Гимназия дар доираи маблағҳои ҷудокардашуда ва аз дигар сарчашмаҳо воридшуда мустақилияти молиявию хоҷагӣ дорад. Сарчашмаҳои асосии

маблағгузории гимназияро маблағҳои буҷетӣ, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, маблағҳои хусусӣ ва ғайрибуҷавӣ ва дигар сарчашмаҳое, ки ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат намекунанд, ташкил медиҳад.

9.3. Ҳаҷми сарбории кормандони педагогии гимназия тибқи қонунгузории мавҷуда муайян карда мешавад.

9.4. Тамоми таҷҳизотҳои гимназия моликияти мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ва ё муассис (массисон) буда, онҳо дар тавозуни гимназия дохил гардида, тибқи шартнома ба гимназия вобаста карда мешаванд. Номгӯи молу амвол дар Оинномаи гимназия дарҷ карда мешавад.

9.5. Бе иҷозати мақомоти идораи маориф ва ё муассис (муассисон) истифодаи амволи гимназия бо мақсадҳои берун аз таълим манъ аст.

9.6. Қитъаи замине, ки барои гимназия ҷудо карда шудааст, бе мӯҳлат ва ба тариқи ройгон истифода бурда мешавад.

9.7. Сарчашмаҳои маблағгузорӣ ва даромади гимназия иборатанд аз:

– маблағҳои буҷети ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ, муассис (муассисон), ки тибқи меъёрҳои муқарраргардида ҷудо карда мешаванд;

– сарпарастон, хайрияи шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ **аз** ҳисоби даромади корхонаву ташкилотҳо, аз таълими иловагии пулӣ ва дигар сарчашмаҳое, ки қонунгузории ҷорӣ муайян намудааст.

9.8. Ба директори гимназия ҳуқуқ дода мешавад, ки аз ҳисоби маблағҳои иловагӣ ва дигар сарчашмаҳо омӯзгоронро ҳавасманд гардонад.

9.9. Тартиботи пешбарии ҳисоботи муҳосибавӣ дар гимназия дар асоси қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба амал баровaрда мешавад.

## 10. Тартиби ташкили шароити фаъолияти кормандон ва ҳаққи меҳнат

10.1. Кормандони педагогии гимназия тибқи Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва тариқи озмун ба кор қабул карда мешаванд.

10.2. Ба кормандони педагогӣ шахсоне, ки мувофиқи ҳукми суд ё нишондоди тиббии рӯйхаташон аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқшуда ба фаъолияти омӯзгорӣ машғул шуданашон манъ карда шудааст, қабул карда намешаванд.

10.3. Муносибати корманд ва корфарморо шартномаи меҳнатӣ ба танзим медарорад, ки бояд мухолифи Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон набошад.

10.4. Гимназия метавонад шартномаро бо омӯзгорон дар Шӯрои педагогии гимназия бо мӯҳлати пешакӣ муқарраргардида тибқи пешниҳоди Комиссияи аттестатсионӣ ё тибқи Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон бекор намояд. Аттестатсияи муаллимонро Комиссияи аттестатсионии гимназия, ки Шӯрои педагогӣ дар асоси Низомнома интихоб намудааст, мегузаронад.

## 11. Фаъолияти байналмилалии гимназия

11.1. Гимназия, мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, метавонад бо муассиса ва ташкилотҳои хориҷӣ робитаҳои ҳамкорӣ дошта бошад.

11.2. Гимназия фарзандони шаҳрвандони хориҷиеро, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зиндагӣ мекунанд, метавонад ба таҳсил фаро гирад.